**аз 28.03.2022, №12-ф**

Дар бораи Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он

070.030.010.

Мутобиқи қисми 10 моддаи 245 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давалтӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.
5. Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №600 «Дар бораи тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирии андозсупорандагон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар мақомоти андоз» аз эътибор соқит дониста шавад.
6. Назорати иҷрои фароиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Замима
ба фармоиши раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» _______ соли 2022, №____

Тартиби
бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он (минбаъд-Тартиб) дар асоси қисми 10 моддаи 245 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Кодекси андоз) таҳия шуда, тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали онро муайян менамояд.

2. Дар ҳолати ба миён омадани талаботи қисми 1 моддаи 245 Кодекси андоз бақайдгирии андозсупоранда ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд-ААИ) дар асоси ирсоли аризаи андозсупоранда дар шакли электронӣ тибқи шакли дар замимаи 1 Тартиби мазкур пешбинишуда тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз сурат гирифта, дар ин хусус аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупоранда шаҳодатномаи супорандаи ААИ дар шакли электронӣ тибқи шакли дар замимаи 2 Тартиби мазкур пешбинишуда пешниҳод карда мешавад.

3. Шахс санаҳои зерин ба сифати супорандаи ААИ эътироф карда мешавад:

- шахсе, ки даромади умумии ӯ дар давраи на зиёда аз 12 моҳи пурраи пайдарпайи тақвимӣ аз 1,0 миллион сомонӣ зиёд мебошад ва аз рӯзи якуми давраи ҳисоботии баъди моҳе, ки дар он даромади умумии андозсупоранда аз ҳадди бақайдгирӣ зиёд шудааст;

- фондҳои сармоягузорӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғуртавӣ ва қарзӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ломбардҳо, истифодабарандагони захираҳои табиӣ, таҳвилкунандагони алюминийи аввалия, истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони маҳсулоти зераксизӣ, инчунин шахсоне, ки дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар бо фаъолияти миёнаравӣ машғуланд - аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ;

- шахси хориҷие, ки хизматрасонии фосилавиро анҷом медиҳад - аз рӯзи оғози фаъолият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- шахсе, ки вориси ҳуқуқии супорандаи ААИ мебошад - аз лаҳзаи ба даст овардани ҳуқуқ ба ворисӣ;

- шахсе, ки барои супоридани ААИ ихтиёран муроҷиат менамояд - аз санаи дар шаҳодатномаи бақайдгирӣ дарҷшуда.

4. Бақайдгирии ихтиёрии шахс ҳамчун супорандаи ААИ аз ҷониби мақомоти андоз танҳо дар ҳолати таъмин гардидани талаботи зерин анҷом дода мешавад:

- агар макони фаъолияти доимии соҳибкории шахс муайян бошад;

- агар шахс фаъолияти соҳибкорӣ дошта бошад ва баҳисобгирии муҳосибиро тибқи қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ анҷом диҳад;

- агар шахс ба ширкатҳои дорои фаъолияти аҳамияти иқтисодӣ надошта алоқаманд набошад;

- агар шахс ба ширкатҳои дорои фаъолияти аҳамияти иқтисодӣ надошта алоқаманд набошад.

5. Мақомоти андоз дар сурати ошкор намудани асосҳои кофӣ ҳуқуқ дорад, ки якчанд намуди фаъолияти соҳибкории ба як шахс тааллуқдоштаро ҳамчун як субъекти хоҷагидорӣ эътироф намояд ва аз рӯзи якуми давраи ҳисоботии баъди моҳе, ки ҳолати мазкур ошкор шудааст, чунин шахсро тибқи Тартиби мазкур ба сифати супорандаи ААИ ба қайд гирад.

## 2 БАҚАЙДГИРИ БА СИФАТИ СУПОРАНДАИ ААИ ВА ДОДАНИ ШАҲОДАТНОМАИ СУПОРАНДАИ ААИ

6. Мақомоти андоз дар давоми панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани аризаи андозсупоранда оид ба бақайдгирӣ ба сифати супорандаи ААИ тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз онро баррасӣ намуда, дар ҳамин муҳлат оид ба бақайдгирии андозсупоранда ба сифати супорандаи ААИ қарор қабул намуда, дар ин хусус андозсупорандаро огоҳ менамояд.

7. Пас аз бақайдгирии андозсупоранда дар системаи ҳамгироии иттилоотии андоз рақами бақайдгирии ААИ дода мешавад, ки дар шаҳодатномаи электронии супорандаи ААИ нишон дода мешавад.

8. Супорандаи ААИ бояд рақами бақайдгирии ААИ-ро дар ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо ё дигар ҳуҷҷати ивазкунандаи он нишон диҳад.

9. Ҳангоми азнавбақайдгирии супорандаи ААИ дар “Равзанаи ягона” супорандаи ААИ уҳдадор аст, ки ба мақомоти андоз тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз бо ариза дар бораи даровардани тағйирот ба фехристи супорандагони ААИ ва табдили шаҳодатнома вобаста ба тағйир ёфтани номи шахси ҳуқуқӣ тибқи шакли дар замимаи 3 Тартиби мазкур пешбинишуда муроҷиат намояд.

10. Мақомоти андоз дар давоми панҷ рӯзи корӣ бидуни тағйир додани рақами бақайдгирии ААИ ба супорандаи ААИ шаҳодатномаи нави электронӣ ирсол мекунад.

11. Азнавбақайдгирии супорандаи ААИ сабаби сари вақт ҳисоб ва пардохт накардани ААИ асос нашуда, ба фаъолияти контрагентҳои он таъсир намерасонад.

## 3. БЕКОР КАРДАНИ БАҚАЙДГИРИИ СУПОРАНДАИ ААИ, ҚАТЪИ АМАЛИ ШАҲОДАТНОМАИ СУПОРАНДАИ ААИ ВА ПЕШБУРДИ ФЕҲРИСТИ СУПОРАНДАГОНИ ААИ

12. Андозсупорандагони дар қисми 1 моддаи 245 Кодекси андоз зикргардида бо пешниҳоди аризаи дар замимаи 4 Тартиби мазкур пешбинишуда ҳуқуқи бекор кардани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи ААИ-ро доранд, агар шартҳои зерин иҷро гарданд:

- даромади умумии андозсупоранда (бо назардошти даромади умумии шахсони мутақобилан вобаста) дар давраи на зиёда аз 12 моҳи пурраи пайдарпайи тақвимӣ аз ҳадди 1,0 миллион сомонӣ кам шуда бошад;
- аз лаҳзаи гузариш ба низоми умумии андозбандӣ 36 моҳи тақвимӣ гузашта бошад.

13. Мақомоти андоз ҳангоми муайян намудани супорандаи ААИ, ки аз лаҳзаи гузариш ба низоми умумии андозбандӣ 36 моҳи тақвимӣ гузашта бошад ва дар ин муддат бефаъолият бошад, дар асоси хулоса оид ба бефаъолият будан, чунин шахсро аз феҳристи супорандагони ААИ хориҷ намуда, шаҳодатномаи супорандаи ААИ-ро қатъ менмояд.

14. Мақомоти андоз на дертар аз як рӯзи корӣ баъд аз қабули қарор оид ба бекор кардани шаҳодатномаи супорандаи ААИ, шахсони дар бандҳои 13-14 Тартиби мазкур номбаршударо огоҳ менамояд.

15. Феҳристи супорандагони ААИ тибқи шакли дар замимаи 5 Тартиби мазкур пешбинишуда дар системаи ҳамгироии иттилоотии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, аз лаҳзаи аз ҷониби корманди масъули нозироти андоз дар шаҳр (ноҳия) ворид намудани маълумоти бақайдгирӣ (бекор кардани бақайдгирӣ), азнавбақайдгирӣ ба сифати супорандаи ААИ, додан (қатъи амал)-и шаҳодатномаи супорандаи ААИ дар системаи ҳамгироии иттилоотии феҳристи супорандагони ААИ ба таври автоматӣ ташаккул меёбад.

16. Феҳристи супорандагони ААИ дорои маълумот оид ба номи пурраи супорандаи ААИ, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, маҳалли қайди андозсупоранда, силсилаи шаҳодатнома, санаи додани шаҳодатнома, санаи бақайдгирӣ, санаи азнавбақайдгирӣ, санаи қатъи амали бақайдгирӣ буда, тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз дар шакли электронӣ пеш бурда мешавад.

17. Феҳристи супорандагони ААИ ҷиҳати дастрасии маълумот ба андозсупорандагон оид ба бақайдгирӣ, бекор кардани бақайдгирӣ), азнавбақайдгирӣ ба сифати супорандаи ААИ, додан (қатъи амал)-и шаҳодатномаи супорандаи ААИ дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мешавад.

Замимаи 1
Ба Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди Феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он

# АРИЗА
## *оид ба бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда*

## 1. Маълумоти умумӣ доир ба андозсупоранда

1 **РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда)** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐

2 **РЯМ (рақами ягонаи мушаххас)** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

3 **Номи пурраи андозсупоранда** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

4 **Ариза пешниҳод шудааст (дар хоначаи дахлдор аломати [X] гузошта шавад):**

**А** **аз тарафи шахси ҳуқуқӣ** ☐ **Б** **аз тарафи намояндаи ваколатдори андозсупоранда** ☐

**В** **аз тарафи ғайрирезиденте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи филиал, намояндагӣ фаъолият менамояд** ☐

## 2. Маълумот оид ба бақайдгирӣ

1 **Сабаби пешниҳоди ариза (дар хоначаи дахлдор аломати [X] гузошта шавад):**

**А** **Гузаштан ба низоми умумии андозбандӣ (ихтиёрӣ)** ☐

**В** **Зиёд шудани ҳадди даромад (1 миллион сомонӣ)** ☐

**Б** **Вобаста ба вориси ҳуқуқӣ** ☐

**Г** **Вобаста ба азнавташкилшавӣ** ☐

2 **Маълумотҳои иловагӣ вобаста ба андозсупоранда:**

**Б** **Ҷойи фаъолият**
вилоят (ноҳия) ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ шаҳр (ноҳия) ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐
кӯча (маҳалла) ☐☐ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐
рақами хона истиқоматӣ ☐☐☐☐☐ рақами хона (офис) ☐☐☐☐☐☐

**В** Лаҳзаи ба миён омадани ӯҳдадорӣ ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐
рӯз моҳ сол

## 3. Ҷавобгарии андозсупоранда

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин ариза дарҷгардида тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!
_______________________/_______________/
Ному насаби роҳбар Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!
_______________________/_______________/
Ному насаби сармуҳосиб Имзо

Ҷ М

Санаи пешниҳоди ариза
☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐
рӯз моҳ сол

## 4. Қайди мақомоти андоз

1 Мақомоти андози бақайдгиранда ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

2

Рақами ариза

Санаи қабули ариза дар мақомоти андоз

рӯз моҳ сол

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

______________________________/__________/

Кайд оид ба қабули ариза

Ҷ.Ш.

Рамзи мақомоти андоз

Замимаи 2
Ба Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди Феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Ш А Ҳ О Д А Т Н О М А И

## супорандаи андоз аз арзиша иловашуда

**Силсила____________** **№________**

______________________________________________
(номи пурраи

______________________________________________
андозсупоранда)

**РЯМ:** ________________________

**РМА:** ________________________

аз □□ □□ □□□□ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шудааст.
рӯз моҳ сол

Шаҳодатномаи мазкур ҳангоми тағйир ёфтани маълумоти дар он дарҷгардида бояд иваз карда шуда, дар ҳолати аз қайди андоз аз арзиши иловашуда баровардан, бояд ба мақоми андоз баргардонда шавад

Ҷ.М. Санаи додан «____» ________________

Сардори нозироти андоз
дар шаҳр (ноҳия)-и ________________________________

______________________________________ ____________________
(ному насаб) (имзо)

Замимаи 4
Ба Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди Феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он

# АРИЗА

*дар бораи бекор кардани бақайдгирии супорандаи андоз аз арзиши иловашуда*

## 1. Маълумоти умумӣ доир ба андозсупоранда

1 **РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда)** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐

2 **РЯМ (рақами ягонаи мушаххас)** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

3 **Номи пурраи андозсупоранда** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

4 **Ариза пешниҳод шудааст (дар хоначаи дахлдор аломати** X **гузошта шавад):**

А **аз тарафи шахси ҳуқуқӣ** ☐ Б **аз тарафи намояндаи ваколатдори андозсупоранда** ☐

В **аз тарафи ғайрирезиденте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи филиал, намояндагӣ фаъолият менамояд** ☐

## 2. Маълумот оид ба бекоркунӣ

1 **Сабаби пешниҳоди ариза (дар хоначаи дахлдор аломати** X **гузошта шавад):**

А **Вобаста ба барҳамхӯрӣ** ☐

В **дар 36 моҳ баъди бақайдгирӣ даромад аз 1 миллион сомонӣ кам шудааст** ☐

Б **Вобаста ба муфлисшавӣ** ☐

Г **Вобаста ба азнавташкилшавӣ** ☐

2 **Маълумотҳои иловагӣ вобаста ба андозсупоранда:**

А **Ҳангоми бекор намудани бақайдгирӣ бо мақсадҳои супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ё иваз намудани шаҳодатнома андозсупоранда уҳдадор аст шаҳодатномаи қаблон гирифтаашро баргардонад.**

силсила ☐☐☐☐ рақам ☐☐☐☐☐☐ санаи додан ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐
рӯз, моҳ, сол

Эъломияи хотимавӣ доир ба андоз аз арзиши иловашуда дар ☐☐☐ варақ

Б **Лаҳзаи ба миён омадани бекоркунӣ** ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐
рӯз моҳ сол

## 3. Ҷавобгарии андозсупоранда

**Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин ариза дарҷгардида тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).**

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

____________________/__________/
Ному насаби роҳбар Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

____________________/__________/
Ному насаби сармуҳосиб Имзо

Ҷ.М.

Санаи пешниҳоди ариза ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐
рӯз моҳ сол

## 4. Қайди мақомоти андоз

1

Мақомоти андози бақайдгиранда

Санаи қабули ариза дар мақомоти андоз

рӯз моҳ сол

2

Рақами ариза

Ҷ.Ш.

Рамзи мақомоти андоз

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

______________________________/__________/

Ному насаби нозири аризаро қабул намуда Имзо

Замимаи 5
Ба Тартиби бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, пешбурди Феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, додани шаҳодатнома ва қатъи амали он

# Феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда

| № | Номи пурраи андозсупоранда | РМА | РЯМ | Маҳалли қайди андозсупоранда | Силсилаи шаҳодатнома №__ | Санаи додани шаҳодатнома | Санаи бақайдгирӣ | Санаи азнавбақайдгирӣ | Санаи қатъи амали бақайдгирӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | |